# Хусусият ва сохтори шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар асоси маълумоти сатҳи ҷамоатҳо

Empowered lives.
Resilient nations.

Варақаи таҳлилӣ

Феврал, 2017

Тавсеаи имкониятҳо барои шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз афзалиятҳои муҳими барномаҳои миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва ҳам Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба зарурати тақвият додани саъю талошҳо ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ва минтақаҳои кишвар таъкид менамояд. Фароҳам сохтани имкониятҳо барои шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ инчунин ҷузъи таркибии Рӯзномаи глобалии 2030 оид ба рушди устувор мебошад. Дар Нишасти Сарони давлатҳои Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2015, Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Рӯзномаро бо номгӯи Ҳадафҳои рушди устувори (ҲРУ) он, аз ҷумла Ҳадафи 8 «Меҳнати сазовор ва рушди иқтисодӣ», тасдиқ намудааст.

Таҳкими саъю талошҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои фарогиранда дар самти шуғли аҳолӣ ва ташкили ҷойҳои нави кории дар ин ҳуҷҷатҳо пешбинишуда тавассути таҳлили тамоюл ва хусусиятҳои ташкили ҷойҳои корӣ дар гузаштаи наздики кишвар имконпазир аст. Варақаи мазкур як шакли чунин таҳлилро дар асоси ташхиси бақайдгирии шаҳрвандони тоза бо ҷои кор таъмингардида аз ҷониби ҷамоатҳо пешниҳод менамояд. Дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС), БРСММ махзани Нишондиҳандаҳои асосии ҷамоатро (JAMBI) таҳия намуд, ки дар он маълумот дар бораи шумораи шаҳрвандони тоза бо ҷои кор таъмингардида дар миқёси ҳамаи бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ва дигар нишондиҳандаҳои дахлдори рушди маҳаллӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Таҳлили зерин дар асоси омору рақаҳои солонаи шаҳрвандони тоза бо ҷои кор таъмингардида ва дигар омори солона ба ҳолати 1-уми январи соли 2015 дар ҳамаи 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти кишвар таҳия гардидааст.*

Варақаи мазкур инчунин барои инъикоси густурдаи истифодаи маълумоти ғании дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуда ва тақвиятбахшию беҳтар сафарбар намудани он барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор имкон фароҳам меорад. Усули таҳлили маълумот ва муаррифии он, ки дар ин варақа барои баррасии хусусиятҳои имкониятҳои шуғли аҳолӣ истифода гардидааст, инчунин метавонад дар дигар бахшҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва идоракунӣ, ки таҳлили бо далелҳо асоснокро метавонад ба раванди банақшагирӣ ва татбиқи сиёсат кӯмаки назаррас менамояд, мавриди истифода қарор гирад.

## КОРГАРОНИ ТОЗА ТАЪИНГАРДИДА: ШАРҲИ МУХТАСАР

Дар Ҷадвали 1, омори умумӣ дар бораи шумораи одамони тоза бо кор таъмингардида дар ҳамаи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти кишвар аз 1-уми январи соли 2014 то 1-уми январи соли 2015 оварда шудааст. Маълумоти мазкур дар миқёси бахшҳои иқтисодӣ ва минтақаҳои ҷуғрофӣ пешниҳод гардидааст. Барои таҳлили муқоисавӣ, ҷадвали мазкур инчунин маълумотро дар бораи андозаи аҳолии дар ҷамоатҳои деҳот ва шаҳраки минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ иқоматдошта фаро мегирад.

Ҷадвали 1.

| Минтақа | Аҳолӣ* | Тоза бо кор таъмингардида, бахшҳои мухталифи иқтисодиёт | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Саноат | Кишоварзӣ | КХМ |
| ВМКБ | 192 136 | 5 067 | 286 | 3 569 | 1 212 |
| НТМ | 1 842 453 | 46 907 | 6 200 | 32 201 | 8 506 |
| Хатлон | 2 723 180 | 67 164 | 7 034 | 46 913 | 13 217 |
| Суғд | 1 977 271 | 47 826 | 5 186 | 34 397 | 8 243 |
| Ҳамагӣ | 6 735 040 | 166 964 | 18 706 | 117 080 | 31 178 |

*Манбаъ: Махзани JAMBI, дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагӣ, шакли №1*
*Эзоҳ: *Аҳолии 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, аҳолии шаҳрҳо ба инобат гирифта нашудаанд*

Чуноне ки ҷадвал ишора менамояд, мувофиқи гузоришҳои ҷамоатҳо, шумораи умумии шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида ба 166 964 нафар баробар аст. Кишоварзӣ ҳиссаи бузургтарини шаҳрвандони тоза бо кор таъмин гардидаро фаро мегирад. Тақрибан 71%-и ҳамаи шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида дар ин бахш ҷойҳои корӣ дарёфтанд. Тақрибан 19% дар корхонаҳои хурду миёна (КХМ) ва тақрибан 11% дар соҳаи саноат бо кор таъмин гардиданд. Дар маҷмуъ, 69 705 нафар ва ё 42%-и ҳамаи шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида занон мебошанд, ки бо дарназардошти нигарониҳои афзоянда оиди мушкилотҳои хосае, ки занон дар воридшавӣ ба бозори меҳнати кишвар рӯ ба рӯ мешаванд, фоизи нисбатан баландро ташкил медиҳад. Занон тақрибан нисфи онҳое, ки тоза бо кор дар бахши кишоварзӣ таъмин гардидаанд ташкил дода, ҳиссаи онҳо дар бахшҳои КХМ ва саноат андаке камтар аз сеяк мебошад.

*Маълумот дар бораи шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида аз дафтари баҳисобгирии хоҷагии ҷамоатҳо, шакли №1, ки ҷамъоварии маълумотро дар бораи шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида дар бахшҳои саноат, кишоварзӣ, ва корхонаҳои хурду миёна (КХМ) тақозо менамояд, гирифта шудааст. Таҳлили мазкур маълумот дар бораи ҷойҳои нави корӣ ва ё дигар маълумот барои шаҳрҳоро дар бар намегирад.*

Дар Расми 1 тақсимоти ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои иқтисодиёт дар миқёси минтақаҳои кишвар инъикос гардидааст.

**Расми 1. Таркиби соҳавии ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳо, 2015**




*Манбаъ: Махзани JAMBI, дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагӣ, шакли №1*

Тавре ки аз Расми 1 маълум аст, тақсимоти ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои иқтисодиёт дар минтақаҳо ба тақсимоти сатҳи миллӣ, чуноне ки дар боло дар робита ба Ҷадвали 1 зикр гардид, хеле шабоҳат дорад. Тахминан 70%-и ҷойҳои нави корӣ дар бахши кишоварзӣ ташкил гардидаанд. Ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар НТМ андаке камтар буда, НТМ дар байни ҳамаи минтақаҳо дорои ҳиссаи баландтарини ҷойҳои нави корӣ дар бахши саноат ва ҳиссаи назарраси ҷойҳои корӣ дар КХМ мебошад. Ҳиссаи ҷойҳои корӣ дар КХМ дар ВМКБ баландтарин буда, тақрибан 20%-и ҳамаи ҷойҳои нави корӣ ба ин бахш рост меояд.

Таҳлили иловагии ҷуғрофияи ҷойҳои нави корӣ барои ҳар як бахши иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҷойҳои корӣ дар бахшҳои КХМ ва кишоварзӣ ба таври васеъ дар саросари кишвар паҳн гардидаанд. Шумораи зиёди ҷамоатҳо, 411 аз 427 ҷамоат дар бораи таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар КХМ гузориш додаанд. Чорсад ҷамоат гузориш доданд, ки ҷойҳои нави корӣ дар бахши кишоварзӣ ташкил гардидаанд. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бахши саноат аз ҷониби қариб нисфи ҷамоатҳо гузориш дода шуд.

## ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ ДАР САТҲИ НОҲИЯҲО

Гуруҳбандии маълумоти ҷамоатҳои алоҳида оиди ҷойҳои нави корӣ ба сатҳи ноҳия имкони таҳлили таркиби соҳавии ҷойҳои нави корӣ, инчунин шабоҳат ва фарқиятро дар ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ин сатҳи маъмурӣ фароҳам меорад. Натиҷаҳои дар ин бахш овардашуда ба 60 ноҳияҳои деҳот ва шаҳраки кишвар рабт доранд. Таркиби соҳавии ҷойҳои нави корӣ, ки дар омори маъмурии маҳаллӣ гузориш дода шудааст, ҳамчун суммаи доимии се таносуб (саноат, кишоварзӣ ва КХМ) ифода карда мешавад. Бо дарназардошти ин хусусияти маълумот оид ба ҷойҳои нави корӣ, харитасозии ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо расми сеченака, чуноне ки дар Расми 2 нишон дода шудааст, муфид мебошад.

Расми 2. Таркиби соҳавии ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳо (воҳидҳо бо % ифода гардидаанд), 2015




Манбаъ: Махзани JAMBI, гуруҳбандӣ ба ноҳияҳо дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагии ҷамоат, шакли №1

Дар Расми 2 ноҳияҳои ғайришаҳрии ҷумҳуриро, ки дар он ноҳияҳои вилояти калонтарин, яъне Хатлон, бо ранги сурх ишора гардидаанд, тасвир гардидаанд. Тавре ки аз расм айён аст, ҷойҳои корӣ дар бахши кишоварзӣ намуди асосии ҷойҳои нави кориро дар аксари ноҳияҳо ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳеҷ яке аз ноҳияҳо кишоварзӣ бахши ягонае, ки танҳо дар он ҷойҳои нави корӣ ташкил шуда бошанд, ба қайд гирифта нашудааст - ҳиссаи ҷойҳои корӣ дар бахши кишоварзӣ 60%-80%-ро дар аксари ноҳияҳо ташкил медиҳад. Ҷойҳои корӣ дар бахши саноат ҳамчун шакли асосии ҷойҳои нави корӣ дар ду ноҳия, Гулистони вилояти Суғд ва Нораки вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудааст. Таъсиси ҷойҳои корӣ дар бахши КХМ бештар дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ ба қайд гирифта шудааст, ки 89%-и ҷойҳои кории навтаъсисшуда ба ин соҳа рабт доранд. Ноҳияи Норак ба ҳайси мисоли нодир дар таъсиси нисбатан баробари ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи бахшҳо арзёбӣ мегардад - 57%-и ҷойҳои нави корӣ дар бахши саноат буда, 23% ба бахши кишоварзӣ ва 20% ба бахши КХМ рост меояд.

Расми 3. Сатҳи таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳои ҳамаи чор вилоят, 2015




Манбаъ: Махзани JAMBI, гуруҳбандӣ ба ноҳияҳо дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагии ҷамоат, шакли №1

Як усули таҳлили фаъолияти ноҳия дар робита ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ин муқоиса намудани таносуби одамони тоза ба кор ҷалбшуда нисбат ба шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат ба шумор меравад. Маълумот оиди шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат низ аз қайдҳои маъмурии ҷамоатҳо гирифта шуда, ба ноҳияҳо гуруҳбандӣ карда шудаанд. Ифода гардидани ин таносуб ҳамчун фоизи одамони тоза ба кор ҷалбшуда нисбат ба шумораи умумии аҳолии қобили меҳнати ноҳияро дар доираи таҳлили мазкур ҳамчун сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ муайян кардан мумкин аст*. Дар Расми 3 сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳо ба чор вилояти дахлдор гуруҳбандӣ гардидааст.

Хати сурх дар расм арзиши медиании сатҳи ташкили ҷойҳои нави кориро дар ҳамаи ноҳияҳо ифода менамояд - он ба 4,48% баробар аст. Арзиши медиании сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ барои ноҳияҳои вилоятҳои алоҳида бо хатҳои бурриши қуттиҳои дахлдор нишон дода шудаанд. Расм аз қуттиҳои қитъавии классикӣ истифода намудааст, ки дар он дарозии қуттӣ диапазони байниквартилиро (IQR) ифода менамояд, ки ҳамчун ҳисоби миёнаи панҷоҳ фоизи мушоҳидаҳо ба шумор меравад. Хатҳо, ки дар аксари ҳолат ҳамчун «вискеза» номида мешаванд, барои фаро гирифтани тамоми нуқтаҳои додаҳои дар 1,5 IQR-и квартили наздиктарин ҷойгирбуда кашида мешаванд. Ҳамаи нуқтаҳои додаҳое, ки берун аз «вискеза» ҷойгир шудаанд – дар мисоли мо ин ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ - дар алоҳидагӣ нишон дода мешаванд.

Расми 3 ба хеле наздик будани арзишҳои медиании сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳо барои вилоятҳои алоҳида ба медианаи ҷумҳуриявӣ ишора менамояд. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ягона минтақаест, ки дорои арзиши медиании нисбатан баланд буда, ҳамзамон инчунин дорои бузургтарин диапазони байниквартилӣ мебошад. Қисмати охири ҷумлаи боло маънои онро дорад, ки ноҳияҳои дар мобайни тақсимот барои ВМКБ дар робита ба сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ ҷойгирбуда нисбат ба ноҳияҳои вилоятҳои боқимонда андозае бештар фарқият доранд. Ноҳияҳои дар мобайни тақсимот барои вилояти Суғд, аз ҷониби дигар, аз нигоҳи сатҳи ташкили ҷойҳои корӣ дар онҳо, шабоҳат доштанд. Дар баробари ин, вилояти Суғд нуқтаи равшани берун аз диапазон дошт - Кӯҳистони Мастчоҳ - бо сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ баробар ба 2,42%, ки нишондиҳандаи пасттарин дар миқёси мамлакат ба ҳисоб меравад.

*Ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат, ки барои ҳисоб кардани сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ истифода гардидааст, дар миқёси ноҳияҳо мухталиф будааст, ки он дар диапазони аз 49% то 63%-и шумораи умумии аҳолии ноҳия ҷойгир гардидааст. Ҳиссаи миёна 55%-ро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин, Харитаи 1 дар зер самаранокии фаъолияти ноҳияҳои алоҳидаро дар самти ташкили ҷойҳои корӣ нишон медиҳад.

Харитаи 1. Сатҳи таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳо, 2015




Манбаъ: Махзани JAMBI, гуруҳбандӣ ба ноҳияҳо дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагии ҷамоат, шакли №1

Тавре ки аз харита маълум аст, сатҳи маъмули ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба >4.5% баробар будааст - сатҳи таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар 22 ноҳия дар миқёси аз 4,5% то 5% мавқеъ дошт. Танҳо хафт ноҳия, ки аз вилоятҳои гуногуни кишвар мебошанд, арзиши баландтарин барои ин нишондиҳандаро доштанд: Рӯдакӣ (5,6%), Лахш (5,4%), Роштқалъа (5,3%), Шуғнон (5,1%), Ҳамадонӣ (5,1%), Вахш (5%) ва Бӯстон (5%). Ноҳияҳои 10%-и поин низ яз вилоятҳои гуногун мебошанд. Ба ноҳияҳои дорои сатҳи пасти самаранокии фаъолият дар самти ташкили ҷойҳои нави корӣ инҳо шомил буданд: Кӯҳистони Мастчоҳ (2,4%), Ховалинг (3,4%), Темурмалик (3,4%), Мурғоб (3,5%), Қубодиён (3,5%) ва Носири Хусрав (3,6%).

## 4 ТАШКИЛИ ҶОЙҲОИ КОРӢ ДАР САТҲИ ҶАМОАТҲО

Дар ин қисмати таҳлил, тафсилот оиди ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ҷамоатҳо барои пурра намудани маълумоте, ки дар ду фасли болои варақаи мазкур баррасӣ гардидааст, оварда шудааст. Таҳлилҳои боло бо истифодаи маълумотҳои сатҳи ноҳиявӣ оид ба таркиби соҳавии ҷойҳои нави корӣ ва сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ, бе назардошти воҳидҳои маъмурию-ҳудудӣ дар дохили ноҳия, гузаронида шудааст: маълумотҳо аз ҷамоатҳо гирифта шуда, ба ноҳияҳо гуруҳбандӣ гардида, баъдан ин маълумотҳои ҷамъбастгардида барои муайян намудани арзиши нишондиҳандаҳо, аз қабили сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияҳо, истифода бурда шудаанд. Инҷо бозгашт ба таҳлили маълумот дар сатҳи ҷамоат ба амал оварда шуда, он дар расму муҳокимаҳои зер дарҷ гардидааст.

Расми 4 маҷмӯи маълумотҳоро оиди сатҳи таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои ҷамоатҳои алоҳида дар шакли қуттии қитъавӣ пешкаш менамояд. Бо мақсади пешкаш (презентатсия), ҳар як қитъаи расми мазкур маълумотро барои ду вилоят дар як сутун пешниҳод гардидааст. Ноҳияҳо аз руи тартиби камшавии арзиши медиании сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи ҷамоатҳо, ки зери салоҳияти ноҳияҳои дахлдор қарор доранд, номбар карда шудаанд.

## Расми 4. Сатҳи таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ҷамоатҳои ноҳияҳо, 2015




Манбаъ: Махзани JAMBI, дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагии ҷамоат, шакли №1

Чуноне ки аз расм маълум гашт, паҳншавии сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ҷамоатҳо нисбат ба ноҳияҳо хеле назаррас мебошад – қимати ин нишондиҳанда аз 2% то 6,2% барои ҷамоатҳо фарқият дорад. Дар баъзе ноҳияҳо, самаранокии фаъолияти ҷамоатҳо дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ хеле монананд - нигаред, барои мисол, ба ноҳияи Исфара бо 12 ҷамоаташ дар қисми болои қитъаи чап. Дар дигар ноҳияҳо - ба мисли ноҳияи Ҳисор, ки он ҳам 12 ҷамоат дорад (нигаред ба қисми миёнаи қитъаи чап) - ҷамоатҳо аз якдигар ба таври назаррас фарқ мекунанд. Як қатор ноҳияҳо дорои ҷамоатҳое мебошанд, ки онҳо аз рӯи самаранокии фаъолияташон берун аз диапазон қарор доранд, ҳам дар ақсои паст ва баланди тақсимот.

Ҳамаи ҷамоатҳои шомили як фоизи беҳтарини ҷамоатҳо аз руи сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар НТМ пайдо карда шуданд. Ҷамоатҳои беҳтарин аз руи самаранокии фаъолият дар байни 427 ҷамоат инҳо мебошанд: Гулистон, Рӯдакӣ (6,2%); Чимтеппа, Рӯдакӣ (6,1%); Алмосӣ, Ҳисор (6,1%); Регар, Турсунзода (6%). Як фоизи поин бештар аз нигоҳи мансубият ба минтақаҳо тафовут доранд. Ба як фоизи поинӣ ҷамоатҳо аз се вилоят шомил гаштаанд: Фахробод, Хуросон (2%); Тагоб, Варзоб (2%); Шаҳринав, Шаҳринав (2,1%); Лангар, Кухистони Мастчох (2,3%).

Роҳи дигари намоиш додани фарқият дар самаранокии фаъолияти ҷамоатҳо дар расми навбатӣ оварда шудааст, ки мавқеи шумораи мутлақи шаҳрвандони тоза ба кор ҷалбшуда дар ҳар як ҷамоатро нисбати шумораи аҳолии қобили меҳнат дар он ҷамоатро нишон медиҳад*. Тавре ки интизор мерафт, Расми 5 дараҷаи баланди таносуб байни андозаи аҳолии қобили меҳнат ва шумораи шаҳрвандони тоза ба кор ҷалбшударо ошкор менамояд. Дар сурати бузург будани андозаи аҳолии қобили меҳнат, ҷамоат ҳам шумораи бештари шаҳрвандони тоза бо ҷои кор таъминшударо дорост.

Расми 5. Аҳолии қобили меҳнат ва шумораи шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида дар ҷамоатҳо, 2015




Эзоҳ: Хатҳои бо нуқтачаҳои сурх кашидашуда, тағйироти ҷузъӣ дар шумораи ҷойҳои корӣ барои ҷамоатҳои дорои андозаи баробари қувваи кориро ифода менамоянд.

Манбаъ: Махзани JAMBI, дар асоси дафтари баҳисобгирии хоҷагии ҷамоат, шакли №1

Ҳамзамон, дар расм тафовути назаррас байни ҷамоатҳои андозаашон монанд дар самти қобилияти ташкили ҷойҳои нави корӣ дида мешавад. Хатҳои бо нуқтачаҳои сурх тасвиршуда танҳо ду ҷуфти ҳолатҳоеро инъикос менамоянд, ки дар онҳо ҷамоатҳои аз руи андозаи қувваи кориашон бисёр ҳамшабеҳ дорои шумораи мухталифи шаҳрвандони тоза бо кор таъмингардида мебошанд - дар асл, ҷамоатҳои дар охири қисми болоии хатҳои сурх ҷойгиршуда дорои анқариб ду баробар бештари шаҳрвандони тоза ба кор ҷалбшуда, дар қиёс ба ҷамоатҳои дар охири қисмати поинӣ, мебошанд. Паҳншавӣ, дар робита ба имкониятҳои ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҳамчунин барои ҷамоатҳои андозаи қувваи кориашон баробар ба тақрибан 20 000 бузургтарин аст, ки мавқеаш на дар ақсои хеле баланди тақсимоти қувваи корӣ ҷойгир аст.

*Андозаи аҳолии қобили меҳнат дар ҷамоатҳо аз 44% то 69%-и шумораи умумии аҳолӣ тафовут дошт.*
*Андозаи миёнаи аҳолии қобили меҳнат барои ҳамаи 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот 55%-ро ташкил медиҳад.*

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Омори ҷамъбастӣ оид ба таркиби соҳавии ҷойҳои нави корӣ ва самаранокии фаъолият дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои вилоятҳои ҷумҳурӣ, ки дар аввали варақаи мазкур муаррифӣ гардида буд, нишон медиҳад, ки вилоятҳо дар ҳар ду маврид шабеҳият доранд. Ҳамзамон, тарҷимаи тамаркуз ба омори сатҳи вилоятӣ барои бисёр мақсадҳои банақшагирии рушди
маҳаллӣ кофӣ нест. Аз ин рӯ, варақа маълумотро ба қисмҳои бештар тақсим намуда, хусусиятҳои гуногуни раванди таъсиси ҷойҳои кориро, ҳам дар сатҳи ноҳия ва ҳам дар сатҳи ҷамоат, меомӯзад. Чунин гурӯҳбандӣ барои муайян намудани фарқиятҳои назаррас байни воҳидҳои маъмурии сатҳи поёнӣ кӯмак мерасонад.

Таҳлили бештари муайянкунандаҳои дигаргунӣ дар самаранокии фаъолияти сатҳи маҳал зарур аст. Чаро баъзе аз ноҳияҳо ва ҷамоатҳо дар самти диверсификатсияи имкониятҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар саросари бахшҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар ноҳияву ҷамоатҳо муваффақтар буда, сатҳи ташкили ҷойҳои нави корӣ дар онҳо баланд аст - танҳо саволҳои илмӣ нестанд. Дарки беҳтари он, ки кадом омил ба фарқият дар самаранокии фаъолият таъсир мерасонад, метавонад ба раванди сиёсат ва татбиқ кӯмак расонад. Дар ҳоле ки баъзе аз сабабҳои фарқият метавонад ба хусусияти сохторӣ рабт дошта бошанд ва ба осонӣ ислоҳшаванда набошанд (масалан, наздикӣ ба марказҳои калони шаҳрӣ), инчунин эҳтимолияти мавҷуд будани як қатор омилҳои дигар низ ҷой дорад, ки метавонанд ба осонӣ тавассути саъю талошҳои огоҳона ва муназзам зери таъсир қарор гиранд.

Худи мафҳуми маълумоти алоқаманд бо шуғл ва тартиби ҷамъоварии он дар сатҳи маҳаллӣ бознигарӣ ва баррасии такрориро тақозо мекунад. Барои таъмини ҳамоҳангӣ байни тарзи ба қайдгирии маълумот аз ҷониби ҷамоат дар бораи нафарони нав ба кор қабулшуда ва методикаи расмии миллӣ барои индикаторҳои ташкили ҷойҳои нави корӣ, талошҳои иловагӣ заруранд. Ба категорияҳо тақсим намудани ашхоси нав ба кор қабулшуда, ки айни замон дар сатҳи ҷамоат истифода мешавад – "саноат"/ "кишоварзӣ" / "КХМ" - метавонад боиси роҳ додан ба иштибоҳ гардад. Дар ҳоле ки "саноат"/ "кишоварзӣ" / "КХМ" категорияҳои умумии соҳавӣ мебошанд ("хизматрасониҳо" ва "сохтмон" дигар категорияҳои умумӣ маҳсуб меёбанд), "КХМ" одатан ба ҳаҷм/хусусиятҳои корхона тааллуқ дорад, аз ин рӯ КХМ метавонанд дар саноат ва соҳаи кишоварзӣ, инчунин дар дигар бахшҳо фаъол бошанд. Азбаски ҷамоатҳо амалан категорияи "КХМ"-ро барои таснифи шахсоне, ки ҷиҳати фаъолияти соҳибкорӣ иҷозатнома гирифтаанд, истифода мебаранд, ва аз ин лиҳоз маълумоти қайдшуда дар ин категория ва маълумоти дар ду категорияи дигар ба қайд гирифташуда такрор намешаванд, бознигарӣ ва такмилдиҳии таҷрибаи ба категорияҳо тақсимкунӣ мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, маълумот дар бораи ташкили ҷойҳои нави корӣ айни замон маълумотро дар бораи аз дастдиҳии ҷойҳои корӣ дар бар намегирад. Маълумоти мазкур метавонад барои арзёбии пешрафти воқеӣ дар ташкили ҷойҳои нави корӣ дар сатҳи маҳаллӣ судманд бошад. Ба қайдгирии он ки оё ҷои нави корӣ дар бахши давлатӣ ё хусусӣ ташкил карда шудааст, низ судманд хоҳад буд. Албатта, ҳар як индикатори иловагӣ бояд рӯи гендер ҷудо карда шавад.

Муҳокимаҳо дар бораи такмили андозагирӣ ва таҳия намудани индикаторҳои нав бояд масъалаҳои алоқаманд бо сифати ҷойҳои кории навро низ ба инобат гиранд. Дар асоси маълумоти дастраси маъмурии оморӣ пешниҳоди мулоҳизаҳо дар бораи амнияти ҷои корӣ, сатҳи музди меҳнат ё имтиёзҳои пешниҳодшаванда, мушкил аст. Дастрас будани чунин маълумот дар баҳодиҳии беҳтари тафовут дар фаъолияти ноҳияҳо/ҷамоатҳо дар робита бо ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад намуд. Дар дафтарҳои мавҷудаи баҳисобгирии хоҷагиҳо оид ба аҳолии тоза бо шуғл таъмингардида эзоҳи зерин мувофиқи мақсад мебуд: оё маълумоти зикргардида ҷойҳои нави корӣ дар ҳудуди ҷамоат/ноҳияи мазкурро инъикос менамояд (бо эҳтимолияти ишғол гардидани ин ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби муҳоҷирони берун аз ҷамоат/ноҳия), ё шахсонеро, ки истиқоматкунандагони доимии ҷамоат/ноҳияи мазкур буда, тоза бо шуғл таъмин гардидаанд.

Тақвият додани кор дар самти такмилдиҳии методикаҳои расмии миллӣ ва равандҳои тавлиди маълумот оид ба мавзӯъҳои мухталифи алоқаманд ба рушд дар умум ва бахусус дар бораи шуғл бо назардошти муҳокимарониҳои ҷории марбут ба Ҳадафҳои рушди стратегӣ дар ҷаҳон оид ба масоили андозагирӣ, индикаторҳо ва ҳадафҳо, хеле саривақтӣ мебошад. Тоҷикистон бояд дар раванди муҳокимаи мазкур саҳми назаррас гузошта, дарсҳои зиёд андӯзад. Иштироки ҳаматарафа қобилияти кишварро ҷиҳати дар амал татбиқ намудан ва арзебии ҳадафҳои рушди миллӣ ва назорати пешрафт баҳри ноилшавии онҳо,тақвият мебахшад.

Тавсияи ниҳоии гузориши мухтасари таҳлилӣ бо аҳамияти барои истинод ва таҳлил табъу нашр ва дастрас намудани маълумоти тақсимкардашудае, ки аллакай мавҷуд аст, алоқаманд аст. Бо дарназардошти вазифаҳои душворе, ки дар барномаҳои ҷаҳонӣ ва рушд таъкид шудаанд, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва дастрасии маълумот аз аҳамият холӣ нест. Мониторинги пешрафт дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ ҷиҳати ноилгардӣ ба ҳадафҳои олии рушд, такмили сиёсати мавҷуда ва самтгирӣ ба чорабиниҳо дар соҳаи рушд бе дастрасии маълумот хеле душвор аст. Дар сатҳи маҳаллӣ он зарурати пешниҳоди кӯмаки методологӣ ва моддию техникии иловагӣ дар ҷамъоварии маълумот аз ҷониби ҷамоат, инчунин рақамӣ намудан ва нашри маълумоти омории сатҳи ҷамоатро дар назар дорад. Рақамӣ намудани маълумот ва шаффофияти маълумоти ҷамоат дар тақвият додани нерӯ ва ҳисоботдиҳии мақомоти маҳаллӣ дар ҷамъоварии малумот ва таҳияи сиёсат дар асоси маълумоти воқеӣ хеле мусоидат мекунад.

**БРСММ дар Тоҷикистон**

кӯчаи Айнӣ, 39
Телефон: (992) 44 600 55 96 / 97
Факс: (+992 44) 6005596
Суроғаи электронӣ: registry.tj@undp.org
Сомона: www.tj.undp.org
Твиттер: @UNDPTJK
Facebook: UNDP in Tajikistan

Аз ҷониби Олеҳ Протсик ва Дилшод Ҷалилов омода гардидааст